*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ–иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар диссертатсия объекти таҳқиқот – масъалаи ташаккул ва рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар самти таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва захираҳои истеҳсолӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас оварда шудааст, ки он ба бандҳои 1.1, 1.2, 1.9 ва 1.24-и “Соҳаҳои таҳқиқот”-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйироти амиқи иқтисодию иҷтимоии ҷаҳонӣ, таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳими стратегӣ ва муҳокимавии илми иқтисодии ватанӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалии худро дорад, зеро он мустақиман ба таъмини амнияти озуқавории кишвар ва рушди ҳамҷояи соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ марбут мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус дар вилояти Суғд, ки яке аз минтақаҳои муҳими аграрӣ ва саноатии кишвар ба шумор меравад, масъалаи ташаккули модели муосири рушди комплекси озуқаворӣ аҳамияти махсус дорад. Зеро ин минтақа имкониятҳои фаровони истеҳсолоти кишоварзӣ дошта, метавонад дар таъмини амнияти озуқавории миллӣ саҳми назаррас гузорад. Бо вуҷуди ин, мушкилоти вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, камбуди сармоягузорӣ, паст будани сатҳи коркарди маҳсулоти хом ва норасоии инфрасохтори муосир, нишон медиҳанд, ки низоми идоракунии комплекси озуқаворӣ ниёз ба такмил ва таҷдид назар дорад.

Дар чунин замина, интихоби мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ ва амалии худ ниҳоят мубрам ва саривақтӣ мебошад. Он ҷавобгӯи талаботи стратегияи давлатӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди

иқтисодиёти минтақавӣ буда, ҳамзамон дар заминаи таҳқиқи таҷрибаи минтақавӣ метавонад барои таҳияи сиёсати муассири агроозуқаворӣ, ташаккули механизмҳои нави ҳамгироии байнисоҳаӣ ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нақши муҳим бозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот ин ғанӣ гардонидани консепсияҳои тараққиёти иқтисодиёти ҳудудҳо ва соҳаҳо, алалхусус, комплекси озуқаворӣ, такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа мебошад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- аз ҷониби муаллиф таъиноти ҳамаҷонибаи соҳаи комплекси озуқаворӣ дар тамаддуни инсоният низомбандӣ шуда, ба мафҳуми «комплекси озуқаворӣи минтақа» саҳеҳӣ ворид гардидааст. Мафҳум ҳамчун низоми баҳамалоқаманди соҳаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ бо соҳаҳои танзим ва назорати онҳо шарҳ ёфтааст;

- зарурияти ташаккулёбии бозори озуқаворӣи инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир, ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо озуқаворӣи солим, ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот, оқилона ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣ тибқи талаботиояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ, шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, сарзаниши таҳдидҳо дар таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ асоснок асоснок гардида, имкони дарки нав ва мукаммалтари мафҳуми «рушди устувори комплекси озуқаворӣ»-ро фароҳам овардааст;

- муносибатҳои байни рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва трансформатсияи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ асоснок гардида, нишон дода шудааст, ки рушди устувор ҷузъи таркибии ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина, ягонагии фазои иқтисодию молиявии минтақа, ҳамоҳангии мутақобилаи соҳаҳо ва зарурати риояи манфиатҳои тарафайн таъкид гардидааст;

- усулҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ низомбанди шуда, нишондодҳои асосии он гурӯҳбандӣ гардидаанд. Дар ин замина, нишондиҳандаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқаворӣи минтақа коркард гардида, имконияти татбиқи он дар амалия нишон дода шудааст;

- вазъи муосири комплекси озуқаворӣи вилояти Суғд дар радифи таъмини рушди устувор гузаронида шуда, исбот карда шудааст, ки бо ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, алалхусус, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, коҳишёбии масоҳати заминҳои корам ба бехатарии озуқаворӣ таҳдид эҷод менамояд. Сабабҳои асосии он муфассал карда шудааст, аз ҷумла маҳдудияти молиявӣ, норасогии

воситаҳои гардон, сатҳи баланди арзи воситаҳои қарзӣ, камшавии дастгирии давлатӣ, баландшавии нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, душворӣ дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии сатҳи механикунонӣ, ҷорӣ нагардидани технологияи интенсивикунонӣ. Муайян гардидааст, ки дар солҳои охир саршумори чорво ва паранда дар вилояти Суғд афзоиш ёфтааст, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ тамоюли мусбӣ дорад;

- дараҷаи пасти амалишавии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои комплекси озуқаворӣ вилояти Суғд муайян гардида, баҳри инкишоф додани фаъолияти он зарурияти амалишавии самтҳои зерин асоснок гардидааст: ташаккули кластерҳо дар комплекси озуқаворӣ; инфрасохтори инноватсионӣ; ҷалби кадрҳои баландихисос ба соҳа; ҷалби инвеститсияҳо; ҳавасмандии давлатии истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ;

- аз ҷониби муаллиф механизмҳои таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ вилояти Суғд таҳия ва асоснок гардидаанд. Ба монанди амалӣ намудан ва илман исботкардашудаи селексияи ватании растанӣ ва ҳайвонот; дастгирии давлатии муассисаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; балан бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ;

- дар натиҷаи таҳқиқот самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ вилояти Суғд муайян гардида, равияҳои зеринро дар бар мегирад: танзими давлатии нархҳои бозории маҳсулоти кишоварзӣ; танзимкунии ҳаҷми воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ; ҳавасмндкунии андозиву буҷавии истеҳсоли ватании маҳсулотҳои озуқаворӣ; амалигардонии "мониторинги озуқаворӣ" аҳолӣ; механизми субсидиякунонии табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо озуқаворӣ; дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

- самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидории захиравии комплекси озуқаворӣ муфассал карда шудааст, ки онҳо интенсификатсия ва инноватсиякунонии фондҳои асосии истеҳсолот; ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи хароҷотҳои тухмӣ ва нуриҳои минералӣ; баланд бардоштани сатҳи механикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ; дастгирии таъмини захиравӣ аз ҷониби давлат; ҳалли мушкилоти экологие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим бавуҷудомадаистода; ҷорӣ намудани ҳамкории бахши давлатию хусусӣ;

- зарурияти такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ муқаррар шуда, ҳавасмандгардонии фаъолнокии

инвеститсионӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерини илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки муаллиф ба даст овардааст, пешниҳод карда мешаванд:

- натиҷаҳои таҳқиқи вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маконии соҳаи комплекси озуқаворӣ ва дар асоси он ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳуми таҳқиқот;
- заминаҳои илмии таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда мешавад;
- исбот намудани гуногунҷабҳагии равияҳо оид ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва муайян намудани принсипҳои ташаккулёбии он;
- низомбандӣ намудани услубҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ ва гурӯҳбандии нишондодҳои он дар иқтисодиёти минтақа ва усули коркардшудаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқавории минтақа;
- баҳогузорӣ ба вазъи муосири рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд ва муайян намудани сабабҳои тамоюлотҳо;
- асоснок намудани зарурати инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар комлекси озуқавории вилояти Суғд ва самтҳои амалишавии он;
- механизмҳои таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд ва мустаҳкам намудани таҳкурсии он;
- асоснок намудани самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти маҳсулоти комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд;
- дарёфт ва коркард намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ;
- коркарди чораҳо оид ба такмили сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ ва мантиқӣ, институтсионалӣ, индуксия-дедуксия ва динамикӣ, ҳамчунин, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ тасдиқ мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба вазоратҳо ва сохторҳои дахлдори давлатӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ-методологии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа роҳандозӣ гардидаанд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳлил ва ҷамъоварии корҳои илмӣ-амалии таҳқиқотии муаллиф аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ ва рушди комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд иборат мебошад. Татбиқи амалии муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ ба тақвияти асосҳои консептуалӣ ва амалии рушди комплекси озуқаворӣ дар минтақа мусоидат мекунад.

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи барои механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ, бо мақсади таъсиси бозори инкишофёфтаи рақобатпазири махсулоти озуқавории коркарди ниҳоӣ ва таъминоти амнияти озуқавории мамлакат саҳми назаррас мегузорад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавон дар фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ истифода намуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқарраротҳои таълифкардашудаи диссертатсия аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати минтақавии онҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар таҳия ва амалӣ намудани марҳилаи сеюми Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дар раванди таҳияи Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимой-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2026-203 ба кор бурда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти соҳаи КАС, инчунин, дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ 42 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидаанд, аз ҷумла: 3 монография ва 39 мақола. Аз онҳо 17 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи "Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ", "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267

тасдиқ гардидааст ва "Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо", ки бо қарори раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Сохтори диссертатсия** дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, 46 ҷадвал, 27 расм, 4 диаграмма, 2 схема, 14 замима ва хулосаву пешниҳодҳо иборат буда, бо истифода аз 345 сарчашма таҳия гардида, дар 376 саҳифаи компютерӣ омода карда шудааст.

Дар **муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шуда, ҳамзамон, тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот пешбинӣ гардидааст (саҳ. 6-20).

Дар боби якум **«Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот оид ба комплекси озуқаворӣ минтақа дар шароити муосир»** муқарраротҳои консептуалии тараққиёти комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисодии муосир (саҳ. 21-35) ва заминаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди комплекси озуқаворӣ минтақа (саҳ. 35-47) омӯхта шуда, омилҳои таъсиррасонанда ба тараққиёти устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа (саҳ. 47-61) таҳқиқ карда шудаанд.

Муаллиф дар зербоби 1.1 сиёсати давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳар давраи таърихӣ вобаста ба шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва хатарҳои мавҷуда қайд менамояд. Дар ин қисмат бо истинод ба таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ моҳияти комплекси озуқаворӣ ҳамчун низоми баҳамалоқаманди соҳаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ тавзеҳ ёфта, зарурати таҳияи сиёсати минтақавии амнияти озуқаворӣ дар асоси таҳлили захираҳо, инфрасохтор ва хусусиятҳои демографӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 22–24).

Дар идомаи зербоб (саҳ. 24–28) таъкид мешавад, ки комплекси озуқаворӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа пояи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб ёфта, фаъолияти он бояд бо истифода аз маҷмӯи усулҳо ва афзалиятҳои идоракунии давлатӣ, банақшагирӣ ва назорат амалӣ гардад. Муаллиф нақши давлатро дар ҳамоҳангсозии сиёсати аграрӣ ва озуқаворӣ муҳим шуморида, нишон медиҳад, ки сатҳи устувории рушди соҳа бевосита аз тавозуни байни иқтидори аграрӣ, муҳити институтсионалӣ ва имкониятҳои бозорӣ вобаста мебошад. Дар ҳамин қисмат сохтори комплекси озуқаворӣ минтақа дар шакли расм ва ҷадвал пешниҳод шудааст, ки робитаи байни соҳаҳои истеҳсолӣ ва зеркомплексҳоро нишон медиҳад (саҳ. 25–26).

Дар зербоби 1.2 омилҳои асосии ташаккули ин соҳа, аз ҷумла диверсификатсияи шаклҳои хоҷагидорӣ, такмили инфрасохтори

истеҳсолӣ, рушди бозорҳои дохилӣ ва ҷалби сармоягузорӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба таври илмӣ асоснок мекунад, ки рушди устувори комплекси озуқаворӣ бояд дар асоси тавозуни иқтисодӣ ва экологии минтақа сурат гирад, то ки ҳам талаботи бозор ва ҳам ҳифзи муҳити зист таъмин карда шавад (саҳ. 35–46).

Зербоби навбатӣ гурӯҳҳои асосии омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба фаъолияти комплекси озуқаворӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ менамояд. Ба онҳо шароити иқлим, мавҷудияти захираҳои замину об, сатҳи механизатсия, ҳавасмандии иқтисодӣ, рақобатпазирии бозор ва иқтидори институционалӣ мансуб дониста мешаванд. Аз тарафи докторант нишон нишон дода шудааст, ки устувории комплекси озуқаворӣ ҳамчун нишондиҳандаи муттаҳидкунандаи вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бояд бо назардошти маҷмӯи индикаторҳои миқдорию сифатӣ арзёбӣ гардад (саҳ. 47–49).

Дар маҷмӯъ, боби якум дар гаҳкими асосҳои назариявии тадқиқот нақши калидӣ мебозад. Дар он бо истифода аз таҳлилҳои муосир моҳияти комплекси озуқаворӣ ҳамчун объекти муҳими сиёсати иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ муайян гардида, заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам оварда шудааст.

Дар боби дуюм **«Методологияи таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он»** принсипҳои ташаккули рушди устувори комплекси озуқаворин минтақа (саҳ. 64-78) асоснок карда шуда, методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворин минтақа (саҳ. 78-93) коркард карда мешавад. Ҳамчунин дар ин боби рисола таҷрибаи хориҷии ҷойгиронии минтақавии комплекси озуқаворӣ омӯхта баромада шуда, имкониятҳо ва афзалиятҳои тадбиқи онҳо дар шароити иқтисодиёти вилояти Суғд (саҳ. 93-106) муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, докторант дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки дар шароити муосир таҳқиқҳои консептуалӣ дар соҳаи озуқаворӣ ба таври возеҳ тарҳи назариявии рушди устуворро ба инобат гирифта, дар асоси қонуниятҳои мхсуси ин соҳа ба амал бароварда шаванд ва ин барои банақшагирии сиёсати минтақавӣ ва иқтисоди аграрӣ ниҳоят муфид аст. Аммо дар ин ҷо, модели принсипҳои рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба шароити маҳаллии вилояти Суғд мувофиқ карда шуданаш зарур аст, зеро ин метавонад ба таҳияи сиёсати минтақавии самаранок, коҳиши нобаробарӣ ва тавсеаи иқтидори содиротии вилоят мусоидат намояд (саҳ. 68). Дар идома, муҳаққиқ қайд менамояд, ки рушди устувори комплекси озуқаворӣ бояд дар асоси принсипҳои дақиқи ҳамгироии функсионалӣ, мутобиқати институтсионалӣ, ҳавасмандкунии субъектҳо ва таъминкунии занҷираи арзиши иловашуда роҳандозӣ шавад. Дар ин раванд, истифодаи шаклҳои корпоративӣ, инфрасохтори бозорӣ, татбиқи барномаҳои

стратегӣ ва дахолати оқилонаи давлат нақши ҳалкунанда мебозад (саҳ. 72).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки сохтори мураккаби комплекси агроозуқаворӣ, ки якҷоякунандаи бахшҳои истеҳсол, коркард, интиқол ва тақсимоти маҳсулоти ниҳоӣ мебошад, арзёбии самаранокиро талаб менамояд, ки аз доираи танҳо як нишондиҳанда фоиданокӣ берунтар меравад. Дар ин раванд, ба инобат гирифтани маҷмӯи нишондиҳандаҳои натиҷавӣ, аз ҷумла ҳосилнокии меҳнат, истифодаи самараноки захираҳои замин ва техника, дараҷаи автоматизатсия, сатҳи коркарди маҳсулоти аввалия ва коэффитсиенти иштирок дар занҷираи арзиш, аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Бо дарназардошти масъалаҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки истифодаи усули таҳлили комплексӣ дар доираи ин тадқиқот комилан мувофиқи мақсад мебошад. Ин усул ба таври муассир имкони муайянсозии сатҳи ҳамбастагӣ ва баҳамвобастагии байни субъектҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва воҳидҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро фароҳам меорад. Ба воситаи ин таҳлил метавон равандҳои ҳамгироӣ, таъсири мутақобила ва самаранокии маҷмӯии фаъолияти комплекси агроозуқавориро арзёбӣ намуд, ки барои таҳияи сиёсати муассири минтақавии рушди соҳа заминаи илмӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 86-87).

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, муаллиф ба хулосае омадаст, ки комплексҳои озуқаворӣ дар ҳар мамлакат, новобаста аз сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ модели ягона дорад ва ҳадафи таъмини амнияти озуқавориро пайгирӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти комплексҳои озуқаворӣ дар самти тадбиқи натиҷаҳои прогресси илмӣ-техникӣ дар раванди истеҳсолот, муҳити институтсионалӣ, афзалияти ҷуғрофӣ, иқлимию табиӣ истеҳсоли махсулоти озуқаворӣ ва ғайра тафриқа дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи наздик, ба мисли Қазоқистон ва Чин ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро таҷрибаи ин мамлакатҳо бевосита самаранокии ташкили комплекси озуқавориро таъмин карда тавонистааст (саҳ. 104).

Дар боби сеюм **«Вазъияти муосир ва рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** рушди устувори комплекси озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он (саҳ. 110-132) ва нишондодҳои тавсифкунандаи вазъияти инкишофи комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он (саҳ. 132-159) таҳлил карда шуда, фаъолияти инноватсионӣ - асоси рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа (саҳ. 159-183) асоснок карда мешавад.

Докторант таъкид менамояд, ки соҳаи аграрии вилояти Суғд пояи асосии ташаккули комплекси озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Соли 2023 дар ин соҳаи зарурии иқтисодиёт, бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Суғд 68166 корхонаҳои калон, миёна ва хоҷагиҳои хурд машғул буданд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин

давра 67566 воҳидро ташкил дода, вазни қиёсии онҳо нисбат ба ҷумҳурӣ 38,8%-ро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки вилояти Суғд ба маркази асосии рушди кишоварзии кишвар табдил ёфтааст (саҳ. 116-117).

Аз тарафи муаллиф зарурати татбиқи як қатор чораҳои стратегӣ бо мақсади рушди комплекси озуқаворӣи минтақа ва баланд бардоштани сатҳи таъминот бо маҳсулоти озуқаворӣи аҳолӣ қайд гардидааст (саҳ. 132) :

- ба роҳ мондани банақшагирии истеҳсолоти махсулоти кишоварзӣ дар асоси талаботи аҳолӣ ва рушди демографӣ;

- таъмини ғизои оқилонаи аҳолӣ бо назардошти афзоиши қобилияти пардохтпазири гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф ва мутобиқсозии пешниҳоди маҳсулот ба сохтори истеъмоли оқилона;

- рушди истеҳсоли рақобатпазири маҳсулоти воридотивазкунанда, ки боиси коҳиш ёфтани вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ ва тақвияти иқтидори дохилии агросаноатӣ мегардад.

Ба сифати нишондоди рушди устувори комплекси озуқаворӣ ҷудо намудани бехатарии озуқаворӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми фарқиятҳои мавҷудбуда дар муайянкунии бехатарии озуқаворӣ, талаботи ягона, ин нигоҳдории сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣи аҳолӣ мебошад, ки кафолати рушди устувори иқтисодӣ ва муътадилии иҷтимоӣ-сиёсиро дар ҷамъият таъмин намоянд.

Муҳаққиқ дар диссертатсия ба хулосае меояд, ки фаъолияти инноватсионӣ дар самти рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар ҳолате самаранок амалӣ мегардад, ки муҳити мусоиди институтсионалӣ ва иқтисодӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуд бошад. Иқтидори онҳо ҷиҳати аз худ намудани навовариҳо ба сатҳи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ, корхонаҳои савдо ва имкониятҳои дохилии онҳо вобастагӣ дорад. Ин раванд заминаи муҳим барои ташаккули низоми устувори интиқоли инноватсияҳо ба амалия ва баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси озуқаворӣ фароҳам месозад (саҳ. 167-168).

Дар боби чорум **«Механизмҳои ташаккулёбии рушди устувори комплекси озуқаворӣ»** асосҳои консептуалии таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он (саҳ. 186-206) дида баромада шуда, усулҳои пешгӯикуниҳои низомӣ ва идоракунӣ (саҳ. 206-221) ва механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа (саҳ. 221-242) коркард карда шудаанд.

Диссертант бамаврид қайд менамояд, ки истифодаи имкониятҳои дохилии вилоят, навсозӣ ва роҳандозии самараноки истеҳсолот ва идоракунӣ, татбиқи шаклҳои нави муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, густариши ҳамкорӣ, инчунин сарфакорона истифода бурдани захираҳо дар раванди истеҳсол дар корхонаҳои соҳавӣ, метавонанд шароити зарурироро барои баромадани соҳаи боғпарварӣ аз вазъи душвор фароҳам созанд. Яъне, минтақат бояд захираҳои мавҷудаи худ (замин, об,

иқтидори меҳнатӣ, иқлим, таҷриба ва ғайра)-ро самаранок истифода барад, то ба рушди соҳа мусоидат намояд. Дар ин ҷо ислоҳоти истеҳсолӣ ва такмил додани усулҳои идоракунии корхонаҳо барои беҳтар шудани фаъолияти онҳо ва зиёд шудани ҳосилнокӣ муҳим мебошанд. Истифодаи моделҳо ва механизмҳои муосири ҳамкорӣ байни корхонаҳо, бахши хусусӣ ва давлат, кооперативҳо ва ғайра, ки метавонанд самаранокии иқтисодиро афзоиш диҳанд (саҳ. 205).

Муаллиф асоснок менамояд, ки дар вазъи кунунии вилояти Суғд, гузариш ба сенарияи хушбинона ва амалӣ намудани он дар рушди комплекси озуқаворӣ бо дарназардошти иқтидорҳои мавҷуда ва захираҳои табиӣ як равиши асоснок ва қобили татбиқ арзёбӣ мегардад. Модели рушди оптимистӣ имкониятҳои зеринро пешбинӣ мекунад: баланд бардоштани ҳосилнокии растанипарварӣ, маҳсулнокии чорводорӣ, тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионӣ. Ҳамзамон, дар доираи ин сенария, таъмин намудани бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо маҳсулоти рақобатпазир ва экологӣ дар мадди аввал қарор мегирад (саҳ. 220).

Докторант вобаста ба бартараф намудани хатарҳои дохилӣ ва берунаи бехатарии озуқаворӣ таваҷҷуҳи худро ба чунин масъалаҳо равона кардааст (саҳ. 241):

- баҳамалоқамандии танзими давлатии арзиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;
- ба танзим даровардани ҳаҷми воридот, аз рӯйи намудҳои асосии стратегии озуқаворӣ: гандум, орд, шакар, равғани растанӣ;
- инкишофи инфрасохтори бозори озуқаворӣ, афзоиш додани бадастории инфрасохтори мазкур ҳам ба молистеҳсолкунандагон махсусан ба равнади корхонаҳои кишоварзии мамлакат ва таъсиси бозори ягонаи озуқаворӣи кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил;
- бартараф намудани воридоти маҳсулоти воридотивазкунанда коҳишдиҳии пай дар пайи воридшавии маҳсулоти хӯрока ба мамлакат, ки истеҳсоли онҳоро дар дохили кишвар ба роҳ мондан мумкин аст;
- танзими фаъолонаи давлатии сатҳ ва сохтори нархҳои чакана барои озуқаворӣ бо мақсади ҷоннок намудани талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва баланд намудани рақобатпазирии озуқаворӣи ватанӣ дар бозори дохилӣ ва дар дурнамо дар бозори беруна;
- амалигардонии «мониторинги озуқаворӣи» аҳолӣ ва татбиқи сиёсати пешниҳоди субсидияи озуқаворӣи буҷети барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ.

Дар боби панҷум **« Самтҳои афзалиятноки идоракунии ташаккулёбӣ ва рушди устувори комплекси озуқаворӣи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ташаккулёбии механизми идоракунии оптималии иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он (саҳ. 246-264) таҳқиқ

карда шуда, модели танзими давлатии рушди устувори он (саҳ. 264-285) коркард карда шудааст. Ҳамчунин дар ин қисмати диссертатсия афзалиятҳои рақобатӣ ва баланд намудани рақобатпазирии комплекси озуқаворӣи вилояти Суғд (саҳ. 285-303) муайян карда шудааст.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки механизми идоракунии иқтидори захиравии КАС барои баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ дар минтақа, таъмини мунтазамии он, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин васила, таъмини сатҳи баланди некӯаҳволии он такмил дода мешавад. Робита ба ин идоракунии иқтидори захиравии КАС бо татбиқи мақсадҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҳалҳо, дастрасии нишондодҳои баланди рақобатпазирии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамзамон, механизми стратегии идоракунии оптималии иқтидори захиравӣ ин фаъолияте ба шумор меравад, ки ҳангоми он истифодабарии иқтидорҳои захиравии КАС тавассути низоми муқарраргардида танзим ва идора гардида, барои расидан ба стратегияҳои рушди соҳа ва сатҳи баланди самаранокии истифодабарии иқтидори захиравӣ мусоидат менамояд (саҳ. 247).

Дар асоси омӯзиши корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф, принсипҳои идоракунии иқтидори захиравии КАС-ро низомбандӣ намудааст (саҳ. 250):

- такмилдиҳии механизми идоракунии ҳудудӣ, ки бевосита барои баланд бардоштани эътимоднокии фаъолият ва боварӣ нисбати ҳамдигар дар байни субъектони фаъолият ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо;

- дастгирии захиравӣ, ташкилӣ ва институтсионалии маконҳои рушд. Принсипи мазкур ҷиҳати ба вуҷуд омадани бартариҳои нави рақобатӣ замина муҳайё месозад ва ҳамин тариқ ба рушди минбаъдаи иқтидори захиравии КАС мусоидат менамояд. Дар натиҷаи он мутобиқшавии соҳаи кишоварзӣ ба дигаргунсозиҳои таркибии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёту иҷтимоиёт амалишаванда таъмин хоҳад шуд;

- бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии равандҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии идоракунӣ муайян ва роҳандозӣ намудани самтҳои афзалиятдоштаи рушд, аз ҷумла рушди макон.

Докторант бо асос қайд менамояд, ки механизми танзими давлатии рушди устувори комплекси озуқаворӣ низоми муназзами таъсиррасонии ҳадафмандонаи давлатро ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои комплекси озуқаворӣ дар бар мегирад, ки ба тақвияти устуворӣ ва пешбурди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳа равона шудааст. Дар робита ба ин, аз тарифи муаллиф барои дарк ва арзёбии пурраи ин механизм унсурҳои асосии он — субъектҳо, объектҳо, ҳадафҳо, воситаҳои таъсир ва марҳилаҳои асосии рушди он мавриди таҳлил ва тавсиф қарор дода

шудаанд (саҳ. 276-277). Ҳамчунин дар диссертасия қайд карда шудааст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди комплекси озуқаворӣ, танзими давлатӣ мутобиқ ба воқеиятҳои муосир ва хусусиятҳои маҳаллӣ такмил дода шавад. Ҷорӣ намудани механизмҳои банақшагирии стратегӣ, ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ, такмили қонунгузорӣ, рушди инфрасохтор ва инноватсияҳо – ҳама инҳо бояд қисми ҷудонашавандаи модели рушди оянда соҳа бошанд. Танҳо дар чунин шароит рушди устувори минтақаҳо ва таъмини амнияти озуқавории кишвар ба таври воқеӣ имконпазир мегардад.

Диссертант қайд менамояд, ки рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣ натиҷаи ба ҳам таъсиррасонии маҷмӯи омилҳо мебошад. Ин омилҳо қувваҳоро ифода мекунанд, ки на танҳо ба сифати маҳсулоти истеҳсолмешуда, балки бо фаъолияти корхонаҳо, инчунин ҳаҷми хароҷоти истеҳсолии мутлақ ва нисбӣ, фоида ва дар натиҷа тағйирёбии сатҳи рақобатпазирии корхона таъсир мерасонанд. Омилҳои метавонанд ҳам ба афзоиши рақобатпазирии корхона ва ҳам ба коҳишёбии он мусоидат намоянд. Дар робита ба ин, аз ҷониби муаллиф барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси озуқавории минтақа чунин чораҳо пешниҳод карда мешавад:

- дараҷаи таъминнокии маҳсулоти ҳаётан муҳими озуқаворӣ, бо дарназардошти истеҳсоли кишоварзии маҳаллӣ ва дигар соҳаҳои КАС;

- истеҳсоли маҳсулоти ҳаётан муҳим дар ҳаҷм, номгӯй ва сифати назаррас, ки барои таъминоти ҳамаи шаҳрвандони мамлакат барои қонеъгардонии ҳадди аксар, барои истеъмолкунандагон зарур ва фоидаовар имкон медиҳад;

- инкишофи истеҳсолот, бе вайрон намудани фаъолияти берунииқтисодӣ бо таъинот, барои бақияи мусбати тавозуни пардохт. Комплекси озуқаворӣ хислати бисёрҷабҳа дорад. Таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ба воситаи чунин чорабиниҳо амалӣ карда мешавад:

- инкишофи истеҳсолоти дохилӣ бо истифода аз омилҳои интенсификатсия, ба монанди мелиоратсия, кимиёкунонӣ, механизатсия, биотехнология, ҳамгироӣ ва кооператсия, коркарди комплексии ашёи хом барои коҳиш додани талафот ва ғайраҳо;

- квотакунонии воридоти маҳсулоти тайёр, ки имконияти дастгирии истеҳсолкунандагони ватаниро таъмин менамояд;

Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо дорад. Аз шумораи инҳо:

1. Дар рисола аз ҷониби муаллиф ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот оварда нашудааст (санади татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот);

2. Хуб мешуд, агар дар қисми назариявӣ ва методологии диссертатсия робитаи байни мафҳуми "рушди устувори комплекси озуқаворӣ" ва сохтори иқтисодиёти минтақавӣ пурратар асоснок карда мешуд. Дар ин қисмат тавзеҳи амиқи принсипҳо, нишондодҳои

баҳогузорӣ ва мантиқи ташаккули низоми устувор зарур аст, то заминаи назариявӣ устувортар гардад.

3. Таҳлили амиқи равандӣ ва эконометрии робитаҳои иқтисодӣ, ба монанди ҳисобкунии коэффитсиентҳои коррелятсия ва таҳлили регрессионӣ байни афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҳаҷми истеҳсолот иҷро нагардидааст (саҳ. 116-117).

4. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба таври воситавӣ сурат гирифта, таҳлили муқоисавии амиқи моделҳои гуногун, шароити муайянкунандаи муваффақият ва хатогиҳои онҳо иҷро нашудааст (саҳ. 93-106).

5. Механизми татбиқи моделҳои пешниҳодшуда барои танзими давлатӣ ба таври кофӣ тавзеҳ дода нашудааст. Барои татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот зарур аст, ки марҳилаҳои асосии татбиқ, манбаъҳои молиявӣ, индикаторҳои арзёбии самаранокии механизмҳои пешниҳодӣ муайян карда шаванд (саҳ. 276-277).

Бо ибрози чунин нуктаи назарҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқ ба талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

**Мутобиқати автореферат ба мазмуни асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва муқаррароти асосии кори диссертатсиониро мухтасаран дар бар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ва тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Механизми ташкилӣ–иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардида баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба корҳои таълими
МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД
"Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Бобоҷониён Даврон Дадоҷон

Имзои д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ МД "Донишкадаи байналмилалии

Хуҷанд"-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" ______________ Раҳимов Н.И.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 27-ум микрорайон, хонаи 1.
МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд".
E-mail: bobojonovd@rambler.ru,
Телефон: +(992) 927734646

«__13__» ______октябри______ 2025 сол.